ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 - Рӯзноманигорӣ

Бо шарофати пойдории Истиқлоли давлатӣ ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақона амалӣ гардида, натиҷаҳои назаррас ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷӣ ба назар мерасад. Се даҳсола аст, ки масоили муҳимми обу иқлимро Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ҳадафҳои муштарак ҷиҳати кам намудани таъсиррасониҳо ба табиат, пешгирии офатҳои табиӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намуда, дар ин самт силсилаи ташаббусҳо амалӣ гардида, натиҷаҳои хуб ба бор оварда истодаанд. Кори диссертатсионии Бобошоҳзода М. С. ба омӯзишу таҳқиқи идомаи ташаббусҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба обу иқлим, бахусус нақши воситаҳои ахбори омма дар баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа, бозтоби масоили гуногуни экологӣ, сабаб ва омилҳои гармшавии иқлим ва пешгирии обшавии босуръати пиряҳо, аҳаммияти ҳамкориҳои ҷаҳонӣ дар ҳалли масоили марбут ба об, андешидани тадбирҳои амалӣ баҳри ҳифзи табиат ва амсоли ин бахшида шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқро таъкид кардан бамаврид аст, зеро маводи он метавонад ҷанбаҳои назарии илми журналистикаро такмил бахшида, ҳамчун воситаи таълимӣ ва адабиёти илмӣ барои пажуҳишҳои минбаъда оид ба масоили обу иқлим, ҳифзи обшавии босуръати пиряхҳо ва вижагиҳои сохториву жанрӣ мавриди истифода қарор гирад. Тавре ки муаллиф дар автореферат зикр мекунад, таҳқиқоти мазкур, ҳангоми навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи таъйинот ва вижагиҳои экожурналистика ва амсоли инҳо судманд буда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқро дар таълифи диссертатсияву китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ ва машғулиятҳои амалии журналистикаи экологӣ метавон истифода кард.

Аз автореферати Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод маълум мешавад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият ва дараҷаи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва

амалии пажуҳиш, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тасвиби амалии натиҷаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бобошоҳзода М. С. дар заминаи маводи дастрасшуда аҳаммияти гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти ҳифзи пиряхҳо ва дурнамои онро аз ҷиҳати илмӣ мушаххас намуда, воситаи муҳимму асосиро дар баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа, таҳкими робитаҳои гуногунсамт миёни давлатҳо ва созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ медонад. Муҳаққиқ барои таҳлилу арзёбии масоили мазкур 180 маводи рӯзномаҳои давлатӣ, мустақил, сомонаҳои хабарӣ ва платформаҳои электронии расонаҳои тоҷикиро аз солҳои 2018 то 2025 мавриди омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ тамоми маводи дастрасшударо бо се усул: таҳлили муҳтаво, муқоиса ва дискурс-таҳлил баррасӣ намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал мавзуи дипломатияи оби Тоҷикистон натанҳо масолии сиёсӣ, иқтисодӣ ё экологӣ, балки ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони ҷаҳонӣ таҳқиқу баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти илмӣ ба омилҳои асосии таъсиррасон, аз ҷумла, экожурналистика дар ҳалли масъалаҳои дипломатияи об ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, бо мисолҳои боэътимод аз маводи ВАО шарҳу баён ёфтаанд.

Ба андешаи муаллифи диссератсия амалӣ намудани шаклҳои нави ҳамкорӣ оид ба пешгирии офатҳои табиӣ, бахусус, обшавии босуръати пиряхҳо аз фаъолияти кормандони ВАО, нашри мавод аз ҷониби мутахассисону коршиносони соҳаи экология, гузаронидани таҷриба ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобастагии амиқ дорад.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани арзиши илмии диссертатсия мегардад:

1. Боби аввали диссертатсия хусусияти назариявӣ дошта, дар он андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ба таври зарурӣ истифода нашудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муҳаққиқ зимни пажуҳиши мавзуи мазкур андешаҳои худро аз ҷиҳати далелҳои илмӣ асоснок карда, доираи таҳлилро бо истиноди овардани таҳқиқоти илмӣ вусъат мебахшид.

2. Агар барои муқоиса аз гуфторҳои радиоӣ ва барномаҳои телевизионӣ, ки дар инъикоси мавзуи мазкур нақши зарурӣ доранд истифода мешуд, арзиши илмии таҳқиқ боз ҳам бештар мегардид.

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо муҳим ва зарур мебошанд.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии диссертасияро кам намекунанд. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд. Автореферати Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)-и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарриз:
Номзади илми филологӣ, дотсенти
кафедраи рӯзноманигории
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» _____ Шарипов С. И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

Имзои Шарипов С.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» _____ Исҳоқзода М. М.

16.11.2026с.